# аз 28.03.2022, №10-ф

Дар бораи Тартиби гузаронидани
назорати камералӣ оид ба баргардонидани
(ҷуброни) маблағи андоз аз арзиши
иловашудаи марбут ба содироти мол

070.030.010.

Мутобиқи қисми 10 моддаи 42 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби гузаронидани назорати камералӣ оид ба баргардонидани (ҷуброни) маблағи андоз аз арзиши иловашудаи марбут ба содироти мол тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Фармоиши мазкур ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.

3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

4. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Боҷу хироҷ» нашр намудани фармоиши мазкур чораҷӯӣ намояд.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми раиси Кумитаи андоз вогузор карда шавад.

Раис Нусратулло Давлатзода

Замима
ба фармоиши раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_28_» _03_ соли 2022, №10-ф

Тартиби
гузаронидани назорати камералӣ оид ба баргардонидани (ҷуброни)
маблағи андоз аз арзиши иловашудаи марбут ба содироти мол

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби гузаронидани назорати камералӣ оид ба баргардонидани (ҷуброни) маблағи андоз аз арзиши иловашудаи марбут ба содироти мол (минбаъд-Тартиб) дар асоси қисми 10 моддаи 42 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Кодекси андоз) таҳия гардида, тартиби гузаронидани назорати камералӣ оид ба баргардонидан (ҷуброн)-и маблағи андоз аз арзиши иловашудаи марбут ба содироти молро пешбинӣ менамояд.

2. Содироти мол, ба истиснои содироти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, маснуоти заргарӣ аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, алюминийи аввалия, консентратҳои сарватҳои табиӣ, маъданҳои молӣ, оҳанпораи металлҳои сиёҳу ранга ва металлҳои дигари дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда, сабикаҳои ченакӣ аз металлҳои қиматбаҳои Бонки миллии Тоҷикистон, пилла, нахи пахта, калобаи пахта, пахтаи коркарднашуда, молҳои дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ истеҳсолшуда бо меъёри сифрии андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ карда мешаванд.

3. Дар сурати дар муҳлати 90 рӯзи тақвимӣ аз санаи дар мақомоти гумрук таҳти низоми гумрукии «Содирот» ба расмият даровардани мол ё ҳангоми содироти мол тавассути хатҳои интиқоли қувваи барқ ё бо истифодаи расмиёти эъломияи нопурраи даврӣ тасдиқ нагардидани содироти мол тибқи банди 4 Тартиб таҳвили чунин мол аз рӯйи меъёри мусбати дар бандҳои 1) ва 2) қисми 1 ва қисмҳои 3 ва 4 моддаи 264 Кодекси андоз зикргардида бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ мегардад.

4. Ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи содироти мол инҳо мебошанд:

- эъломияи гумрукии бор (минбаъд-ЭГБ), ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст;
- шартномаи таҳвили мол;
- нусхаи ҳисобнома-фактура, борхат, коносамент бо қайди мақомоти гумруки дар гузаргоҳи сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъгардида. Дар ҳолати содироти молҳо таҳти низоми гумрукии «Содирот» тавассути хатҳои интиқоли қувваи барқ, инчунин санади қабул ва супоридани мол пешниҳод карда мешавад;

- ҳуҷҷатҳои пардохтӣ ва иқтибос аз ташкилоти қарзии молиявӣ (нусхаи иқтибос), ки воридоти воқеии даромади асъорро аз содироти мол ба суратҳисобҳои андозсупоранда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамоянд.

5. Дар ҳолати анҷом додани амалиёти иқтисодии хориҷӣ оид ба мубодилаи мол (кор, хизматрасонӣ), андозсупоранда ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи воридоти мол (кор, хизматрасонӣ) ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки аз рӯйи амалиётҳои зикргардида гирифта шудаанд, инчунин ба ҳисоб гирифтани онҳоро пешниҳод мекунад.

6. Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи содироти мол ба давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳуҷҷатҳои дар бандҳои 4 ва 5 Тартиб пешбинигардида, инчунин нусхаи эъломияи гумрукии бори дар кишвари воридоти мол барасмиятдаровардашуда мебошанд.

7. Дар ҳолати амалӣ намудани содироти минбаъдаи моли қаблан берун аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти низоми гумрукии «Коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ» баровардашуда ё маҳсулоти коркарди он, тасдиқи содирот мутобиқи бандҳои 4, 5 ва 6 Тартиб инчунин дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин анҷом дода мешавад:

- эъломияи гумрукии бор, ки таҳти низоми гумрукии «Коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ» ба расмият дароварда шудааст;

- эъломияи гумрукии бор, ки мутобиқи он низоми гумрукии «Коркард берун аз ҳудуди гумрукӣ» ба низоми гумрукии «Содирот» тағйир дода шудааст;

- нусхаи эъломияи гумрукии бор, ки дар ҳудуди давлати ҳориҷӣ таҳти низоми гумрукии «Коркард дар ҳудуди гумрукӣ» ба расмият дароварда шудааст;

- нусхаи эъломияи гумрукии бор, ки таҳти низоми гумрукии «Содирот» ҳангоми баровардани мол ё маҳсулоти коркарди он аз ҳудуди давлати коркарди мол ба расмият дароварда шудааст ва онро мақомоти гумруки барасмиятдароварда тасдиқ кардааст.

8. Ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи содироти мол ба мақомоти андози маҳалли бақайдгирӣ дар давоми 120 рӯзи тақвимӣ аз санаи қайди мақомоти гумруки дар сархати якуми қисми 1 моддаи 255 Кодекси андоз, андозсупоранда ҳуқуқ дорад андози мутобиқи қисми 2 моддаи 254 Кодекси андоз пардохтшударо баргашта гирад. Дар акси ҳол, андозсупоранда барои баргашта гирифтани андозе, ки мутобиқи қисми 2 моддаи 254 Кодекси андоз пардохт шудааст, ҳуқуқ надорад.

Эзоҳ: Мисоли 1. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Б» дар моҳи май аз ҷумҳурӣ 200 тонна семент, 60 тонна гач ва 100 тонна консентрати сарватҳои табииро содирот мекунад. Мутобиқи банди 2 Тартиб нисбат ба семент ва гачи содиротшуда меъёри сифрии андоз аз арзиши иловашуда, маблағи барзиёд пардохташудаи андоз аз арзиши иловашуда ҳисобӣ ё баргардонида мешаванд. Ҳамзамон нисбат ба содироти консентрати сарватҳои табиӣ озодкунӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда амалӣ

мегардад. Дар ин сурат ҳисобӣ ва (ё) баргардонидани андоз аз арзиши иловашуда дар дохили кишвар пардохтшуда иҷозат дода намешавад.

Мисоли 2. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «А» 25 майи соли 2022 ба хориҷӣ кишвар ба маблағи 2,5 миллион сомонӣ либосҳои мардонаро содирот намуда, дар эъломияи андоз аз арзиши иловашуда барои моҳи май андоз аз арзиши иловашударо бо меъёри сифрӣ ҳисоб намуда ба мақомоти андоз пешниҳод менамояд. Аммо тавассути системаи ҳамгироии иттилоотии андоз, аз ҷумла тавассути низоми мубодилаи мақомоти андозу гумрук содироти мол то 28 августи соли 2022 (90 рӯз) тасдиқи худро намеёбад. Дар чунин сурат фурӯши либосҳои мардона пурра бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ карда мешавад. Ҷамъият уҳдадор мебошад, ки дар эъломияи андоз аз арзиши иловашуда тағйироти дахлдорро ворид намояд.

## 2. ПЕШНИҲОДИ ҲУҶҶАТҲО ВА ГУЗАРОНИДАНИ НАЗОРАТИ КАМЕРАЛӢ

9. Назорати камералӣ оид ба баргардонидан (ҷуброн)-и маблағи андоз аз арзиши иловашудаи марбут ба содироти мол дар давоми 30 рӯз аз рӯзи тибқи шакли замимаи 1 ба Тартиб додани аризаи андозсупорандае, ки амалиётҳои он бо меъёри сифрӣ андозбандӣ мешаванд, гузаронида шуда, барзиёдии маблағи андоз аз арзиши иловашуда ба ҳисоб гирифташуда (пардохтшуда) нисбат ба маблағи ҳисобкардашудаи он дар давраи андозӣ аз ҷониби мақомоти молия, мутобиқи хулосаи мақомоти андоз тибқи шакли замимаи 3 ба Тартиб дар ҳамин давра аз буҷети дахлдор баргардонида мешавад.

10. Супорандагони андоз аз арзиши иловашуда дар баробари пешниҳоди ариза оид ба баргардонидан (ҷуброн)-и маблағи андоз аз арзиши иловашуда ҳуҷҷатҳои дар банди 4 Тартиб муайяншударо ба мақомоти андози маҳалли қайд пешниҳод менамоянд.

11. Мақоми андози маҳалли қайди андозсупоранда асоснокии ариза ва ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи андозсупорандаро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, аз натиҷаи он дар давоми 5 рӯзи корӣ тибқи шакли замимаи 2 ба Тартиб маълумотномаи назорати камералӣ оид ба баргардонидан (ҷуброн)-и маблағи андоз аз арзиши иловашудаи марбут ба содироти мол тартиб дода, саҳеҳияти маблағи андоз аз арзиши иловашудаи баргардонидашавандаи андозсупорандаро месанҷад. Ба маълумотномаи назорати камералӣ маълумоти зерин замима карда мешавад:

- маълумот оид ба эъломияҳои гумрукии бор бо қайди мақоми гумрукие, ки иҷозати молро таҳти низоми гумрукии “Содирот” анҷом додааст (замимаи 4 ба Тартиб);
- маълумот оид ба борхати роҳи оҳан, мошинаи боркашони бор бо ҳуҷҷатҳои ҳамроҳикунандаи бо қайди мақоми гумруке, ки иҷозати молро таҳти низоми гумрукии “Содирот” анҷом додааст (замимаи 5 ба Тартиб);
- феҳристи ҳуҷҷатҳои пардохтӣ ва иқтибос аз суратҳисоби андозсупоранда дар ташкилоти қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ки воридоти воқеии даромади асъориро аз содироти мол ба суратҳисоби андозсупоранда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд (замимаи 6 ба Тартиб).

12. Дар ҳолати тасдиқ шудани саҳеҳияти маблағи андоз аз арзиши иловашудаи баргардонидашаванда, мақомоти андоз хулоса оид ба суратҳисоби андозсупоранда баргардонидани маблағи барзиёди андоз аз арзиши иловашуда ё рӯйпӯш намудани дигар уҳдадориҳои андозии андозсупорандаро ба мақомоти молия пешниҳод менамояд.

13. Ҳангоми муайян гардидани номутобиқатӣ дар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи андозсупоранда, ки боиси ғайриимкон шудани баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда мегардад, дар ин бора дар маълумотномаи назорати камералӣ сабабҳои он дарҷ гардида, аз ҷониби мақомоти андози маҳалли қайди андозсупоранда нусхаи маълумотнома ва огоҳинома бо талаби дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ ислоҳ намудани номутобиқатиҳои ошкоргардида дар шаклҳои хаттӣ ва ё электронӣ ба андозсупоранда ирсол карда мешавад.

14. Супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, ки нусхаи маълумотнома ва огоҳиномаро гирифтааст, уҳдадор аст, ки дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ (бо сабабҳои узрнок дар давоми 20 рӯзи тақвимӣ) аз санаи гирифтани огоҳинома иҷрои онро таъмин намуда, ҳуҷҷатҳои асосноккунанда ва тавзеҳоти дахлдорро ба мақомоти андоз пешниҳод намояд.

15. Мақомоти андоз баъд аз баррасии ҳуҷҷатҳо ва тавзеҳоти иловагӣ пешниҳодшуда, ҷиҳати тасдиқ шудани саҳеҳияти маблағи андоз аз арзиши иловашуда тибқи банди 12 Тартиб ба мақомоти молия хулоса пешниҳод менамояд.

Замимаи 1
ба Тартиби гузаронидани назорати камералӣ оид ба баргардонидани (ҷуброни) маблағи андоз аз арзиши иловашудаи марбут ба содироти мол

Нозироти андоз дар шаҳр (ноҳия)-и ________________________________

аз номи ___________________________
(номи пурраи андозсупоранда)
РМА___________, РЯМ __________.

Ариза
дар бораи баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда

Мутобиқи талаботи моддаи 33 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш менамоям, ки барои баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда ба маблағи ____________________________________________
(маблағи баргардонидашавандаи андоз аз арзиши иловашуда бо рақам ва ҳарф)
сомонӣ, ки дар натиҷаи анҷом додани амалиётҳои бо меъёри сифрӣ андозбандишаванда ба вуҷуд омадааст, мусоидат намоед.

Хоҳишмандам, ки маблағи зикргардида ба суратҳисоби ______________
(номи пурраи андозсупоранда)
_____________, ___________________, _____ дар ______________________
(рақами суратҳисоб) (ҳисоби намоянда (корреспондент), (БИК) (номи ташкилоти қарзии молиявӣ)
гузаронида шавад.

____________________________ ________ ________________________
(насаб, ном ва номи падари роҳбар ) (имзо)

____________________________ ________ Ҷ.М.
(насаб, ном ва номи падари сармуҳосиб) (имзо)

_______________________
(рӯз, моҳ ва санаи пешниҳоди ариза)

________________________________
(мухр ё қайд дар бораи қабул)

Замимаи 2
ба Тартиби гузаронидани назорати камералӣ оид ба баргардонидани (ҷуброни) маблағи андоз аз арзиши иловашудаи марбут ба содироти мол

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

____________________________________________________________
(раёсати (нозироти) андоз)

## Маълумотномаи назорати камералӣ оид ба баргардонидан (ҷуброн)-и маблағи андоз аз арзиши иловашудаи марбут ба содироти мол

Аз натиҷаи назорати камералӣ нисбати ______________________________
____________________________________________________________
(номи пурраи андозсупоранда, рақами мушаххаси андозсупоранда ва рақами ягонаи мушаххас)

барои давраи ______________________________________________
(давраи зери назорати камералӣ қарор додашуда)

____________________________________________________________
(ҷои тартиб додани маълумотнома-макомоти андоз) (сана)

Аз ҷониби ______________________________________________
(насаб, ном ва номи падари шахси масъули мақомоти андоз, ки назорати камералиро мегузаронад)
мутобиқ ба муқаррароти моддаи 42 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар фаъолияти ______________________________________________
(номи пурраи андозсупоранда)
дар асоси ариза оид ба баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда аз _______, №___ нисбати дурустӣ ва эътимодбахш будани баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда назорати камералӣ гузаронида шуд.

Назорати камералӣ дар асоси таҳлилу муқоисаи ҳисобот (эъломияҳо)-и андоз ва дигар маълумоти ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаи андозсупоранда гузаронида шуда, дурустии баргардонидани андоз аз арзиши иловашудаи барои давраи аз ___________ то ___________ тасдиқ менамоям.

### 1. Қисми умумӣ

Назорати камералӣ “___” ________ соли ______ оғоз карда шуда, “___” ________ соли ______ ба анҷом расид.

Суроғаи ҳуқуқии андозсупоранда ___________________________

Ҷойи фаъолияти андозсупоранда ___________________________

Дар бахисобгирӣ - бақайдгирии ____________________________ гузошта шудааст.

Назорати камералӣ дар асоси ҳисобот (эъломияҳо)-и андоз ва ҳуҷҷатҳои иловагии зерин гузаронида шуд:

- ____________________________________________________________;
- ____________________________________________________________;
- ____________________________________________________________;
- ____________________________________________________________.

2.Назорати камералӣ муайян кард:

Аз тарафи ________________ мувофиқи банди ___ замимаи (номи пурраи андозсупоранда) фармоиши раиси Кумитаи андоз аз _________, №___ ба _________________, (раёсати (нозироти) андоз) ариза дар бораи баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда аз __________, №____ тибқи муқаррароти моддаи 274 Кодекси андоз ворид шуда, маблағи барзиёд пардохташудаи андоз аз арзиши иловашуда, ки дар натиҷаи содироти мол бо меъёри сифрӣ ба вуҷуд омадааст, барои баргардонидан ба суратҳисоби бонкии _______________ ба маблағи __________ сомонӣ дархост намудааст.

Мутобиқи моддаи 254 Кодекси андоз содироти мол бо меъёри сифрии андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ карда мешавад, агар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи дар моддаи 255 Кодекси андоз пешбинишуда дар муддати 90 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи сабти мақомоти гумрук ба мақомоти андоз пешниҳод шуда бошанд.

Тибқи моддаи 255 Кодекси андоз барои муайян намудани асоснокии баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда ҳуҷҷатҳои зерини тасдиқкунандаи содироти мол пешниҳод карда шуд, аз ҷумла: _______________________________________________________

_______________________________________________________.

Дар ҷараёни назорати камералӣ муайян карда шуд, ки дар ҳақиқат маблағи барзиёдати (изофапулӣ)-и андоз аз арзиши иловашуда дар натиҷаи содироти мол бо меъёри сифрӣ ба вуҷуд омадааст.

Тибқи санади муқоисавии тасдиқгардида ба санаи ______________ изофапулии андоз аз арзиши иловашуда маблағи ___________ сомониро ташкил медиҳад.

Амалиётҳои фурӯши мол (кор ва хизматрасонӣ) дар дохили ҷумҳурӣ маблағи __________ сомонӣ буда, андоз аз арзиши иловашудаи он _________ сомониро ташкил медиҳад (ҷадвал замима мегардад).

Содироти мол дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда мутобиқи моддаи 255 Кодекси андоз, ки аз тарафи ____________________________ пешниҳод (номи пурраи андозсупоранда) шудааст, бо ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ва эъломияҳои гумрукӣ мувофиқ буда, тибқи моддаи 254 Кодекси андоз бо меъёри сифрии андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ карда шудаанд.

Дар давраи таҳти назорати камералӣ қарордошта аз тарафи ______________ аз супорандагони андоз аз арзиши иловашуда ва аз (номи пурраи андозсупоранда)

ҳисоби воридот аз хориҷи кишвар ба маблағи умумии ________ сомонӣ мол (кор ва хизматрасонӣ) харида шуда, аз ин ҳисоб андоз аз арзиши иловашуда ба маблағи ________ сомонӣ (аз ҷумла андоз аз арзиши иловашуда аз корхонаҳои дохили ҷумҳурӣ ба маблағи _____ сомонӣ ва андоз аз арзиши иловашуда аз ҳисоби воридот ва барасмият даровардани мол ба мақомоти гумрук пардохташуда _____ сомонӣ) ба ҳисоб гирифта шудааст.

Рӯйхати ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда, феҳристи ҳуҷҷатҳои пардохтӣ, иқтибос аз бонк ва эъломияи гумрукии бор замима карда мешаванд, ки дар он дар алоҳидагӣ ҳар як амалиёт бо нишондоди маблағи андоз аз арзиши иловашуда нишон дода шудааст. Мутобиқ ба талаботи Кодекси андоз маблағи андоз аз арзиши иловашуда бо ҳисобнома – фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда аз тарафи таҳвилгарони мол (кор ва хизматрасонӣ) пешниҳод гардида, нисбат ба андоз аз арзиши иловашуда дар эъломияи баҳисобгирифташуда зиёд мебошад.

## 3. Хулоса ва пешниҳод

Дар натиҷа назорати камералӣ аз рӯйи ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида эътимоднокии андоз аз арзиши иловашуда барои баргардонидан аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба маблағи умумии __________ сомонӣ тасдиқ карда мешавад (ё ин ки тасдиқи худро наёфт, ё қисман ёфт).

Пешниҳод карда мешавад, ки маблағи мазкур барои пӯшонидани маблағи бақияи қарз аз рӯйи дигар намуди андозҳои ___________ ва ё ба суратҳисобӣ _______ тибқи тартиби амалкунанда баргардонида шавад.

Дар ҳамин хусус маълумотномаи назорати камералии мазкур тартиб дода шуд.

| | | |
|---|---|---|
| ______________________________ | ____________ | ____________________ |
| (Шахси масъули мақомоти андоз) | (имзо) | (насаб, ном ва номи падар) |

Шинос карда шуд:

| | | |
|---|---|---|
| ______________________________ | ____________ | ____________________ |
| (Шахси масъули андозсупоранда) | (имзо) | (насаб, ном ва номи падар) |

Замимаи 3
ба Тартиби гузаронидани назорати камералӣ оид ба баргардонидани (ҷуброни) маблағи андоз аз арзиши иловашудаи марбут ба содироти мол

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ХУЛОСА**

дар бораи баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда

1. Аризадиҳанда ______________________________________________
2. РМА ______________________________
3. Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии андозсупоранда ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда силсилаи _____№ ______ аз «__» ________
4. Суроғаи аризадиҳанда:________________________________________
5. Санаи ариза _____________, маблағи баргардонидашаванда ___________ сомонӣ.
6. Дар натиҷаи гузаронидани назорати камералӣ ва омӯзиши ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва ҳисобварақаи андоз аз арзиши иловашуда аризадиҳанда муқаррар шуд, ки ба санаи «__» ______ соли _____ изофапулии андоз аз арзиши иловашуда ба маблағи ________ сомонӣ аз ҳисоби андозбандии амалиёт тибқи меъёри сифрӣ ба вуҷуд омадааст.
7. Тибқи хулоса дар бораи баргардонидани маблағи андоз аз арзиши иловашудаи пешниҳодшуда ба маблағи ______ сомонӣ бо маълумотномаи назорати камералӣ аз __________тасдиқ карда мешавад.
8. Тартиби баргардонидани маблағи барзиёд пардохташудаи андоз аз арзиши иловашуда барои ҳисобӣ кардан бо бақияи қарзи дигар намуди андозҳо:

1) _________________________-_______ сомонӣ;

2) __________________________-______ сомонӣ.

Ҳамагӣ-________ сомонӣ.

9. Маблағи андоз аз арзиши иловашудаи баргардонидашаванда мутобиқи хулосаи мазкур ба суратҳисоби ____________________________________________

(номи пурраи андозсупоранда)

(номгӯйи ташкилоти қарзии молиявӣ, мавқеи воқеии он, рамзи минтақавии мақоми ваколатдор, ҳисоби намоянда (корреспондент), БИК, рақами ҳисоби бонкии аризадиҳанда) гузаронида шавад.

______________________________ _____________ ___________________

(номи мақомоти андоз) (имзо) (насаб, ном ва номи падар)

Ҷ.М.

Сардори сарраёсати баҳисобгирӣ
ва таҳлили даромадҳо ____________ __________________
«__»___ соли 202_ (имзо) (насаб, ном ва номи падар)

Замимаи 4
ба Тартиби гузаронидани назорати камералӣ оид ба баргардонидани (ҷуброни) маблағи андоз аз арзиши иловашудаи марбут ба содироти мол

Маълумот оид ба эъломияҳои гумрукии бор бо қайди мақоми гумрукие, ки иҷозати молро таҳти низоми гумрукии "Содирот" _________________________ анҷом додааст
(номи андозсупоранда)

барои давраи аз ________ то ________

| № р/т | Харидор | Рақами эъломияи гумрукии бор | | Сана | Бо асъорӣ хориҷӣ | Бо сомонӣ | Пардохт |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | |
| 4 | | | | | | | |
| 5 | | | | | | | |
| 6 | | | | | | | |
| 7 | | | | | | | |
| 8 | | | | | | | |
| 9 | | | | | | | |
| 10 | | | | | | | |
| 11 | | | | | | | |
| 12 | | | | | | | |
| 13 | | | | | | | |
| 14 | | | | | | | |
| 15 | | | | | | | |
| 16 | | | | | | | |
| 17 | | | | | | | |
| 18 | | | | | | | |
| 19 | | | | | | | |
| 20 | | | | | | | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ: | | | | | | |

шахси масъули мақомоти андоз ________________________________________
(вазифа, насаб, ном ва номи падар)

андозсупоранда ________________________________________________________
(вазифа, насаб, ном ва номи падар)

Замимаи 5
ба Тартиби гузаронидани назорати камералӣ оид ба баргардонидани (ҷуброни) маблағи андоз аз арзиши иловашудаи марбут ба содироти мол

Маълумот оиди борхати роҳи оҳан, автомобили боркаш бо хуҷҷатҳои ҳамроҳикунандаи қайди мақоми гумруке, ки иҷозати молро таҳти низоми гумрукии "Содирот" ____________________________________ анҷом додааст
(номи андозсупоранда)

барои давраи аз ________ то ________

| № р/т | Харидор | Рақами эъломияи гумрукии бор | | Таърих | Борхати роҳи оҳан, автомобили боркаш | Сана |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| 6 | | | | | | |
| 7 | | | | | | |
| 8 | | | | | | |
| 9 | | | | | | |
| 10 | | | | | | |
| 11 | | | | | | |
| 12 | | | | | | |
| 13 | | | | | | |
| 14 | | | | | | |
| 15 | | | | | | |
| 16 | | | | | | |
| 17 | | | | | | |
| 18 | | | | | | |
| 19 | | | | | | |
| 20 | | | | | | |
| | Ҳамагӣ: | | | | | |

шахси масъули мақомоти андоз ________________________________________
(вазифа, насаб, ном ва номи падар)

андозсупоранда ____________________________________________________
(вазифа, насаб, ном ва номи падар)

Замимаи 6
ба Тартиби гузаронидани назорати камералӣ оид ба баргардонидани (ҷуброни) маблағи андоз аз арзиши иловашудаи марбут ба содироти мол

Феҳристи ҳуҷҷатҳои пардохтӣ ва иқтибос аз ташкилоти қарзии молиявӣ ______________________, ки воридоти воқеии даромади асъорро аз содироти мол ба суратҳисоби _________________________ тасдиқ мекунад
(номи андозсупоранда)
барои давраи аз ________ то ________

| № | Номгӯи харидорони мол | Ҳуҷҷати пардохти бонкӣ | Супоришномаи пардохти асъор ё эъломияи гумрукии бор | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | сана | қурби асъор | маблағ | |
| | | | | | асъор | сомонӣ |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| 6 | | | | | | |
| 7 | | | | | | |
| 8 | | | | | | |
| 9 | | | | | | |
| 10 | | | | | | |
| 11 | | | | | | |
| 12 | | | | | | |
| 13 | | | | | | |
| 14 | | | | | | |
| 15 | | | | | | |
| 16 | | | | | | |
| 17 | | | | | | |
| 18 | | | | | | |
| 19 | | | | | | |
| 20 | | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ: | | | | | |

шахси масъули мақомоти андоз ________________________________________
(вазифа, насаб, ном ва номи падар)

андозсупоранда ______________________________________________________
(вазифа, насаб, ном ва номи падар)